آواز تاجیک

Рўзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рўзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

14 июни соли 2023
Чоршанбе
№ 47 (14954)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

## ДАР ДЕҲЛӢ ИСЛОҲОТИ ЎЗБЕКИСТОН МУҲОКИМА ГАРДИД

***Дар сафорати Ўзбекистон дар Деҳлӣ воҳўрӣ бо роҳбарият ва аъзои Фонди «Ҳиндустон – Осиёи Марказӣ» баргузор гардид, ки ба интихоботи ояндаи президентӣ дар мамлакатамон бахшида шуд, ки он бояд марҳалаи муҳими ҷараёни ислоҳоти Ўзбекистон гардад.***

Дар он дар бораи натиҷаҳои калонҳаҷми ноилгардидаи ислоҳоте, ки дар солҳои охир дар Ўзбекистон ба амал татбиқ мегардад, ҷараёни бозсозии тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъият, мустаҳкамсозии обрўи мамлакатамон дар арсаи байналхалқӣ, нақши махсуси он дар ҷараёнҳои интегратсионии минтақаи Осиёи Марказӣ, рушди муносибати стратегӣ бо мамлакатҳои Осиёи Ҷанубӣ, аз он ҷумла бо Ҳиндустон сухан рафт.

Сафири Ўзбекистон Дилшод Аҳадов дар бораи моҳият ва аҳамияти Конститутсияи навгардида, ки дар раъйпурсии умумихалқӣ 30 апрел қабул гардид, маълумоти муфассал дод. Таъкид шуд, ки ислоҳоти конститутсионӣ қисми калидии ислоҳоти муттасили солҳои охир гардид. Ба он чиз эътибор нигаронда шуд, ки таҳрири нави Қонуни асосӣ барои ба марҳалаи нав баровардани тараққиёти Ўзбекистон пойгоҳи муҳими ҳуқуқӣ фароҳам овард.

Иҷрокунандаи вазифаи президенти Фонди «Ҳиндустон – Осиёи Марказӣ», собиқ сафири Ҳиндустон дар Қазоқистон ва Финландия, мутахассиси номдор доир ба минтақаи Осиёи Марказӣ Ашок Шарма таъкид кард, ки ҷараёни бозсозии ҳаёти Ўзбекистон дар солҳои охир дар арсаи байналхалқӣ боиси таваҷҷуҳи зиёд мегардад. Ислоҳоти тадриҷӣ дар Ўзбекистон аз ҷониби доираҳои илмиву таҳлилӣ амиқ омўхта мешавад. Дар натиҷа алоқаҳои байналхалқии мамлакат ба таври назаррас фаъол гардида, дар ҷараёни ҳамкорӣ дар соҳаҳои мухталиф натиҷаҳои мусбӣ ба даст меоянд. Дар соҳаҳои тиҷоративу иқтисодӣ, илмиву академӣ, маданиву гуманитарии муносибати байни Ҳиндустон ва Ўзбекистон ба дараҷаи нав баромадааст, ки ин мисоли равшани он ба шумор меравад. Коршинос изҳори боварӣ намуд, ки интихоботи президентии оянда дар таърихи навини мамлакат рўйдоди фавқулода муҳим хоҳад гардид.

Директори фонд Рамаканд Двиведӣ таъкид кард, ки доираҳои илмии Ҳиндустон натиҷаи ислоҳоти конститутсионӣ ва раъйпурсии умумиро, ки дар Ўзбекистон баргузор гардид, чун рўйдоди бузург дар ҳаёти мамлакат мешуморанд. Дар ҳоле ки дар бобати тайъиди таҳрири нави Конститутсия 30 апрели соли ҷорӣ ташреҳ медод, коршинос таъкид кард, ки акнун мардуми Ўзбекистон ба он пешвое мандат бояд диҳад, ки ба ў дар низоми нави ҳокимияти давлатӣ боварӣ ҳосил намудааст, то ки татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ ва вазифаҳои муҳимро, ки дар Қонуни асосии таҷдидёфтаи мамлакат сабт гаштаанд, таъмин намоянд.

Иштирокдорон таъкид карданд, ки эътибори ҷамъияти ҷаҳонӣ ба ҷараёни омодагӣ ба интихоботи пешазмўҳлати президентии моҳи июл дар Ўзбекистон нигаронда шудааст ва изҳори боварӣ намуданд, ки мардуми Ўзбекистон ин иқдоми таърихиро бо фаъолияти баланди сиёсӣ анҷом медиҳанд.

**АИ «Дунё»,**
*ш. ДЕҲЛӢ.*

## ДАРАВИ ҒАЛЛАДОНА ОҒОЗ ЁФТ

***Имсол дар 13 ноҳияи вилояти Самарқанд ба 92,2 ҳазор гектар замин ғалладона парвариш шуд, ки ба ин кори хайр 4 ҳазору 651 хоҷагии фермерӣ машғул ҳастанд.***

Дар вилоят комбайнҳои пуриқтидор нахуст дар ноҳияҳои Пахтачӣ, Нарпай, Нуробод ва Каттақўрғон ба дарави ғалладона пардохтанд.

Деҳқонони вилоят ният доранд, ки 723 ҳазор тонна ҳосил гирифта, нақшаи солонаро барзиёд иҷро кунанд.

Ба ин мақсад 270 комбайни гуногун ҷалб шудааст.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Самарқанд.**

**9 июл – Рўзи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон**




Дар доираи тарғиботи пешазинтихоботӣ дар шумораи имрўзаи рўзнома матолиб бахшида ба дастгирии номзад ба мақоми Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон аз Ҳизби сотсиал-демократии Ўзбекистон «Адолат» Робахон Маҳмудова ва номзад ба мақоми Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон аз Ҳизби экологии Ўзбекистон Абдушукур Ҳамзаев чоп мегарданд.

Маводи мазкур дар доираи тарғиботи номзадҳо ба мақоми Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон бепул нашр мегарданд.

**(Матолиби мазкур дар саҳифаҳои 2 ва 3 нашр мегарданд).**

***Ҳайати соҳибкорону тоҷирони вилояти Бодканди Қирғизистон таҳти раёсати муовини аввали раиси ин вилоят Маъруфхон Тулаев ба вилояти Фарғона омад.***

## АЗ ГУСТАРИШИ ҲАМКОРӢ – ҲАРДУ ҶОНИБ МАНФИАТДОР

Ҳадаф аз сафар баррасии самтҳои истиқболи рушди ҳамкориҳои вилоятҳои Фарғона ва Бодканд дар соҳаҳои сармоягузорӣ ва тиҷоратию иқтисодӣ мебошад.

– Мо ҳанўз бо соҳибкорони қирғизистонӣ дар Форуми байналмилалии сармоягузории Фарғона мулоқотҳо анҷом дода будем. Боз чанд воҳўрии дигар низ ба вуқўъ пайвастанд, ки барои роҳандозии ҳамкориҳои доманфарох заминаи мусоид фароҳам овардаанд. Аммо барои ба даст овардани натиҷаҳои бештар имкониятҳоямон хеле фаровонанд, ки бояд мавриди истифода қарор дода шаванд, – гуфт муовини ҳокими вилоят Иқболҷон Эргашев.

Аъзоёни ҳайати Қирғизистон бо фаъолияти корхонаҳои азими истеҳсолӣ ва нассоҷии шаҳрҳои Фарғона, Марғилон, Қувасой, ноҳия-ҳои Тошлоқ, Олтиариқ, Ёзёвон, Қўштеппа ва Фарғона ошно шуданд.

Дар ин миён байни соҳибкорони ду вилоят таҳия ва имзои чанд санади ҳамкорӣ низ барномарезӣ шуд, ки домани ҳамкориҳоро боз тавсеа хоҳанд бахшид.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

## ЗИНДАГИИ НАМУНАИ ИБРАТ

***Президенти кишвар аз раҳбарони секторҳо қатъиян дархост намуда буд, ки дар масъалаи ҷавонон ва ҳаёти онҳо аз паси панҷа нанигаранд ва муаммои рўзгори онҳоро омўхтаву дар сода сохтани он кумак намоянд.***

Ба ин мақсад дар саросари вилояти Қашқадарё аз ҷониби идораҳои дахлдор ҷавонони мўҳтоҷи кумак ва дастгирӣ муайян гардида, бо фармоиши ҳокими вилоят масъулияти кор бурдан бо онҳоро бар зиммаи раҳбарони секторҳо ва идораву муассисаҳои таҳҷоӣ гузошта буданд. Дар ҳамин шабону рўзон дидору мулоқот бо чунин ҷавононе, ки аксари онҳо имконоти маҳдуде доранд, дар шаҳру навоҳии қаламрави Қашқадарё идома дорад.

Аз ҷумла, ҳокими ноҳияи Шаҳрисабз Самад Ҳасанов ба хонаи яке аз чунин ҷавонон рафтаву аз ҳоли ў воқиф гардид ва муаммоҳои рўзгори ин ҷавони маълулро аз наздик омўхт. Нуриддин Абдувасиев маълули дараҷаи дуюм аст ва дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Абзият»-и Хўҷабоғи ноҳияи Шаҳрисабз соли 2001 ба дунё омадааст. Вай новобаста ба он, ки маълули модарзод мебошад, то зиндагии дурахшони худро ба дастони худ биофарад, ҳамеша дар саъю ҳаракат аст ва аз имконоте, ки ҳукумати ҷумҳурӣ барои пешрафти ҷавонон муҳайё сохтааст, ба таври самаранок истифода мекунад. Ў соли гузашта ба миқдори 31 миллион сўм қарзи имтиёзнок дастрас намудаву ба фаъолияти соҳибкорӣ қадамҳои нахустинро гузошта буд. Нуриддин корро аз парвариши ду сар чорвои калони шохдор оғоз кард, ки имрўз шумори онҳо ба чор адад расидаанд. Ҳамчунин ин ҷавони ғайратманд айни ҳол боз соҳиби зиёда аз 10 сар гўсфанд мебошад, ки муттасил дар парвариши онҳо заҳмат мекашад. Ў ният дорад,ояндаи дурахшони худро бо дастони худ бунёд намояд ва аз пайи меҳнати ҳалол нони худро пайдо созад. Ҳокими ноҳияи Шаҳрисабз Самад Ҳасанов аз дидору мулоқот бо Нуриддини серғайрат ба ваҷд омадаву аз он изҳори шодмонӣ намуд, ки аз имконоти фароҳамсохтаи ҳукумати кишвар ҷавононе мисли Нуриддин Абдувасиев хеле босамар истифода мекунанд ва ҳатто маълули модарзод будани онҳо барои сода намудани машаққатҳои зиндагии мураккаб монеъ намегардад.

Самад Ҳасанов бо муаммоҳои дигари ин соҳибкори 22-сола шинос гардид ва талаби ўро дар робита ба иловатан ҷудо кардани як гектар замин ба инобат гирифта, дар ҳалли он муассисаҳои дахлдорро вазифадор сохт.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик»,**
**дар вилояти Қашқадарё.**

## «САЙРГОҲИ ҶАВОНОН» ДАР ҚАРШӢ

***Дар шаҳри Қаршӣ «Сайргоҳи ҷавонон» сохтаву мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт.***

Бояд гуфт, ки дар боғи мазкур гўшаеро ба тариқи хосе обод сохтаву ба қиёфаи мутлақ дигар – ба хост ва ҷаҳонбинии ҷавонон мувофиқ гардондаанд. Роҳравҳои зебо ва гулгаштҳои сабзу хуррам барпо шуда, дар васати он шаршарае бунёд ёфт, ки аз баландии 20 метр об сарозер меояд ва нафаси оби сард дар кафи шамоли шомҳангом ба гардиш омадаву рўҳҳоро болида месозад. Дар атрофи фаввора ва роҳравҳои ду барашон гулзор зиёда аз 100 курсӣ гузошта шудаанд. Чароғҳои боғ аз 115 адад панелҳои офтобӣ нерўи барқро дарёб мекунанд ва атрофро чароғон месозанд.

Барои ҳифзи тартибот дурбинҳои назоратӣ низ насб гардидаанд. Ҳамчунин, дар ҳамин мавзеъ меҳмонхонаи дорои 76 ҷойи хоб, 2 адад майдони минифутбол, 1 корти теннис, 1 китобхонаи замонавии дорои ҳамаи шароит, 2 адад маркази хониш ва омўзиш, инчунин як тарабхона сохта ба истифода дода шуданд. Расми кушоиши ин маскани тафреҳии ҷавонон ба иди ҳақиқие мубаддал гардид.

Дар идомаи тантанаҳо ба 30 нафар ҷавонони ятим аз ҷониби ҳукумат калиди хонаҳои истиқоматӣ супорида шуданд, ки хурсандии онҳо ҳадду каноре надошт.

**(Мухбири худамон).**

*Раҳовард*

## 3. ГАНҶИНАИ МАЪРИФАТ

***Китобхонаи шахсии адиб Карим Тошқулов яке аз марказҳои таблиғу ташвиқи илму фарҳанг ва маърифату маънавият дар ноҳияи Деҳқонободи вилояти Қашқадарё ба шумор меравад. Ин китобхона аз маркази ноҳия ҳамагӣ дар масофаи 3 километр, дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Аэродром» воқеъ шуда, барои мардуми ин деҳа хидмати беминнате мекунад. Китобхонаи шахсии Карим Тошқулов дар байни сокинони маҳаллаи мазкур ва берун аз он маҳбубияти хосе дорад.***

Китобхонаи мазкур дар ҳавлии худи адиб ҷой гирифтааст ва ҳамзамон вазифаи хонаи эҷодӣ ва осорхонаи оилавии сулолаи Тошқуловҳоро иҷро мекунад. Як гўшаи онро асбобҳои мусиқӣ оро медиҳанд, ки маҳз ба пешаи худи Карим Тошқулов (устоди мусиқӣ) ва фарзандони ў ишорат мекунад. Мавсуф пас аз хатми Донишкадаи ҳунарҳои зебои Тоҷикистон умре дар соҳаи санъат ва маданияти ноҳия кор карда, солҳои зиёд раҳбари мактаби мусиқӣ будааст. Имрўз ин вазифаи пуршарафро писари ў Зафар Тошқулов идома медиҳад. Ин аст, ки аҳли оила бештар ба адабиёт ва санъат дилбаста ҳастанд ва хоса сарвари хонадон – Карим Тошқулов яке аз мухлисони беҳамтои адабиёт мебошад. Меҳри ў ба адабиёт ва санъат ҳанўз аз овони мактабхонӣ бедор шуда буд. Вай ғолибан муаллифи 16 маҷмўаи насриву назмӣ ба забонҳои тоҷикиву ўзбекӣ ва китобҳои марбут ба таърихи ноҳия мебошад. Карим Тошқулов зимни суҳбат гуфт, ки аз замони донишҷўӣ ба харид ва гирд овардани китобҳои гуногун шуғл варзида ва ин одати ҷавониаш ҳанўз пойбарҷост. Вай таъкид кард, ки даврони донишҷўӣ дар пойтахти Тоҷикистон агар маблағе пайдо мекард, зуд сўи китобфурўшиҳо мешитофт.

– Агар шарикдарсонам бештар ба харидани либосу ғизо меҳр меварзиданд, мани ташнаи илм зиёдтари маблағи худро ба харидани китоб масраф менамудам, – аз он замонаҳои тиллоии умри худ ёд оварда мегўяд ин пири хирадманд.

Ин тавр, китобхонаи шахсии ў батадриҷ ғанӣ мегардид ва вақте донишкадаро хатм кард, ба зодгоҳ бо воситаи почта зиёдтар аз даҳ бастаеро ирсол намуд, ки ҳама иборат аз китоб буданд. Падараш Қобил Тошқулов ҳар боре, ки ин бастаҳоро мегирифт ва харсавор то хона мерасонд, вуҷудаш аз ифтихор пур мешуд ва раҳораҳ Парвардигорро шукр мегуфт.

– Ана ин ганҷро барҷой мон, кампир, – овози марғуладори Қобиламак ҳавлиро пур кардаву бо як сурури беқиёс ба завҷааш муроҷиат мекард: – Каримҷонамон, ки омад, худаш ҳисобашро меёбад.

Модараш Норбибӣ – олиҳаи хонадон ҳам аз феъли падару писар воқиф аст. Вай нек медонад, ки онҳо ба қаламу коғаз меҳри алоҳидае доранд ва ин аст, ки фармоиши шавҳарро нишотманд иҷро карда, хазинаи фарзанд – китобҳои ўро ба гўшае маҳфуз медошт...

Дар ибтидо аз ин амали Карим ҳамдеҳагонаш шигифтзада мешуданд, гиребон ҷуфт мекарданд, ки наход аз Душанбе барин шаҳри азим ба ҷои чизҳои барои рўзгор муҳим, бастабаста китоб мефиристад. Аммо онҳо – мардуми содаву беғубори деҳот баъд фаҳмиданд, ки китоб дар рушди инсон чӣ нақше босазо дорад. Карим Тошқулов ҳар як китобро мисли як тан аз фарзандонаш дўст медорад ва дар таърифи ҳар кадоми онҳо, таърихи ба даст овардани он ганҷи нодир соатҳо нақл мекунад. Аз нақли баҳоровати адиб ва муаррих маълум мегардад, ки китобҳо дар ҳаёти ў чӣ нақши рангине доранд. Вай то ба имрўз зиёдтар аз 2500 китоби нодирро ҷамъ овардааст, ки дар байни онҳо китобҳои дастхатии қадимаро низ метавон мушоҳида намуд.

**(Давомаш дар саҳ.2).** ⇨

## МАҶМЎИ ПАРРАНДАПАРВАРӢ ДАР ҚАРАВУЛБОЗОР



***Паррандапарвариро мардум беҳуда яке аз «Ҳафт хазина» нагуфтаанд. Зеро бобати бо гўшт ва тухм таъмин намудани аҳолӣ самаранокии ин соҳа нисбат ба чорвопарварӣ волотар аст.***

Ба қарибӣ дар маҳаллаи «Навбаҳор»-и ноҳияи Қаравулбозор бо мақсади дар ҳудуд афзоиш додани гўшти парҳезӣ аз ҷониби ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Парранда экспорт савдо» маҷмўи паррандапарварии нав ба фаъолият оғоз кард. Дар ин маҷмўъ, ки арзишаш ба 700 ҳазор доллари ИМА баробар аст, ҳоло 100 ҳазор мурғи бройлер парвариш карда мешавад. Рўзҳои наздик дар ин ҷо боз барои 50 ҳазор парранда мурғхонаи нав ба кор сар мекунад. Ҳоло дар корхона 20 нафар бо кор таъмин шуда, онҳо ҳар моҳ аз 2,5 то 5 миллион сўм маош мегиранд.

Паррандапарварон ният доранд, ки охири соли оянда саршумори паррандаҳояшонро ба миллион расонанд. Ин имкон медиҳад, ки баробари афзоиши маҳсулот ҷойҳои нави корӣ ҳосил шавад.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**

# МАҚСАДИ АСОСӢ — БУНЁДИ ДАВЛАТИ ҲУҚУҚБУНЁД ВА ҶАМЪИЯТИ ШАҲРВАНДИИ АДОЛАТНОК

***Ҳизби сотсиал-демократии «Адолат»-и Ӯзбекистон, ки дар майдони сиёсӣ бо ғояҳои ҳаётӣ ва инсонпарварона обрӯ пайдо кардааст, пеш аз маъракаи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон тавассути барномаи номзади худ модели сотсиал-демократии худро, ки бунёди давлати демократӣ, иҷтимоӣ ва ҷамъияти шаҳрвандии адолатнокро дар назар дорад, пешниҳод менамояд.***

Ба ҳамагон маълум аст, ки чанде қабл дар референдуми баргузоргардида халқамон бо бовариии комил Конститутсияи Ӯзбекистонро бо таҳрири нав дастгирӣ кард ва ба он овоз дод. Албатта, дар замири ин ҳақиқати ҳаётӣ, бунёди рӯзгори наве, ки халқамон орзу мекунад, таҷассум ёфтааст. Зеро мардуме, ки ба бунёди давлати демократии ҳуқуқбунёд ва ҷамъияти адолатнок камар бастааст, қабл аз ҳама саъю кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки ислоҳоти ба беҳбуди рӯзгори мардум нигаронидашуда, қадру қимат ва ҳуқуқу озодиҳои инсон дар Конститутсияаш акс ёбад.

Албатта, қабули Қонуни Асосӣ як тарафи масъала аст. Вазифаи муҳими навбатӣ ба ҳаёт татбиқ намудани талабу меъёр ва тамоюлҳои устувори қонун, истифодаи онҳо дар роҳи фаровонии ҳаёт ва беҳбуди рӯзгори мардум маҳсуб мешавад. Халқамон бояд нафаси ҳаётбахши Қонуни Асосиамонро дар рӯзгори худ эҳсос намояд.

Номзад ба Президенти Ӯзбекистон аз Ҳизби сотсиал-демократии «Адолат»-и Ӯзбекистон — Робахон Маҳмудова, ки мақсадаш боз ҳам баланд бардоштани **сатҳи зиндагии** халқ, аз он ҷумла, **электорати асосии ҳизб** — мутахассисони соҳибмалака, ходимони соҳаи буҷет, омӯзгорон, шифокорон, муҳандисону техникҳо, намояндагони илму фан ва соҳаи хидматрасонӣ мебошад, дар барномаи хеш як қатор вазифаҳои устуворро ба миён гузоштааст.

Барнома мафҳумҳои моҳияти конститутсиявӣ дошта, хусусан, самтҳои муҳим: давлати ҳуқуқбунёд, адолати иҷтимоӣ, иқтисодиёти миллӣ, илму фан, инноватсияҳо, таълим, тандурустии аҳолӣ, ҷамъияти шаҳрвандӣ ва ҷойгоҳи занону духтарон дар ҷамъиятро дар бар гирифтааст.

### Мақсади ниҳоӣ — бунёди давлати ҳуқуқбунёд

Тавре ки таъкид намудем, дар барнома таъкид ёфтааст, ки **«Барои ҳизби сотсиал-демократии «Адолат» ҳуқуқ ва озодиҳои инсон арзиши олӣ** маҳсуб мешавад».

Бояд гуфт, ки самти аввали барнома, ки қариб беш аз панҷ қисми онро дар бар мегирад, **ба мавзӯи бунёди давлати ҳуқуқбунёд** дар мамлакатамон бахшида шудааст. Зеро таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, арҷгузорӣ ба қадру қимати ҳар як инсон хусусияти ҷудонопазири ҷамъияти адолатнок мебошад. Биноан, дар барнома пешниҳод шудааст, ки барои ҳифзи боэътимоди ҳуқуқ ва озодиҳои инсон бояд дар навбати аввал судҳо мустақил бошанд ва амалиёти **ҳисобот додани судяҳо ба Шӯрои депутатҳои халқӣ бекор карда шавад**.

Мақсад аз пешниҳод: таъмини воқеии мустақилии судҳо, ба ҳаёт табиқ намудани вазифаҳоест, ки Конститутсия аз онҳо талаб дорад.

Ҳамагон медонанд, ки алъон судяҳо дар Шӯроҳои депутатҳои халқӣ маҷбур шуда истодаанд, ки доир ба фаъолият ва қарорҳои баровардаи худ, баъзан корҳои ба анҷомнарасида мунтазам ҳисобот диҳанд.

Табиист, ки депутатҳоямон низ бо дар назардошти манфиати интихобкунандагон суолу ҷавоб мекунанд, аммо оё ин дахолат ба кору фаъолияти судяҳо нест? Дар як қатор кишварҳои пешрафта ин ҳолат таҳдид ба мустақилии судҳо маҳсуб мешавад.

Ин аст, ки **дар моддаи 130-юми Конститутсияи навшуда** оварда шудааст, ки ҳокимияти суд новобаста ба ҳокимияти қонунгузору иҷро, аҳзоби сиёсӣ ва дигар институтҳои ҷамъияти шаҳрвандӣ мустақилона кор мебарад. Дар моддаи 136-ум бошад омадааст, ки судяҳо ба ҳисобот додан вазифадор нестанд, дахолат кардан ба кори онҳо манъ карда шудааст.

Дар баробари ин, номзад аз Ҳизби сотсиал-демократии «Адолат» ба мақсади дар ҳаёт ба ҳисори воқеии адолат табдил додани судҳо пешниҳод менамояд, ки **теъдоди судяҳо зиёд ва онҳо беш аз пеш ихтисосонида шаванд**, аз ҷумла, бояд корпуси судяҳои ба ҳифзи ҳуқуқ ва низоъҳои оила, меҳнат, мулки интеллектуалӣ ва **бавоянарасидагонро** ташаккул дод.

Дигаргуниҳои мазкур дар фаъолияти судяҳо ба самаранокӣ ва баланд бардоштани сифати суди адолатнок нигаронида шудаанд. Агар ба масъала бо чашми одӣ назар кунем, мебинем, ки дар замоне, ки бошиддат тағйир ёфтаанд, доир ба ҳамаи ҷабҳаҳои рӯзгорамон қонунҳои зиёде ба тасвиб мерасанд.

Инкор наметавон кард, ки ҳатто ҳуқуқшиносони донишманду соҳибтаҷриба ҳам дигаргуниҳои дар ҳамаи соҳаҳо бавуқӯъпайвастаистодаро комилан фаро гирифта наметавонанд. Аз ҳама муҳимаш, бояд ихтисосонидани судяҳоро **доир ба истифодаи оқилона аз ресурсҳои суд тавсеа бахшид ва пеши роҳи сансолории шаҳрвандону соҳибкоронро** гирифт.

Мисолан, дар ИМА, Хитой, Олмон ва Сингапур судҳои оилавӣ пурсамар фаъолият доранд. Хусусан, дар тӯли соли 2022 дар Ӯзбекистон 56 кори интеллектуалӣ, **58403** андоз, **40198** низоъи оилавӣ ва **48857** кори ба ноболиғон иртиботдошта баррасӣ шудааст, ки таҳти раисии судяҳои ихтисосониданашуда ҳаллу фасл гардидаанд. Ин ҳолат ба масъала қаробатҷӯйии навро тақозо дорад.

Дар ҳоли ҳозир вазифаи муҳим ин аст, ки бояд судяҳоро ба соҳаҳо ихтисосонид, яъне аз байни судяҳое, ки бино ба масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқи **оила, меҳнат, мулки интеллектуалӣ ва бавоянарасидагон** фаъолият доранд, беҳтаринҳоро интихоб кардан лозим. Бояд дар ҷамъият тибқи қонун ба сар бурдан ба тарзи ҳаёт табдил ёбад. Барои ин, қабл аз ҳама бояд волоияти Конститутсия ва қонунҳоро таъмин намуд. Вақте Конститутсияро варақ мезанем, мо ба механизмҳои пешқадам рӯ ба рӯ меоем. Аз ҷумла, пешниҳод шудааст: **ҳар ходиме, ки ба хидмати давлатӣ камар бастанист, бояд аз Конститутсия имтиҳон супорад**.

Ҷорӣ гардидани чунин тартиб, бешак, самараи худро хоҳад дод. Чунончи, роҳбари корфармое, ки аз мизонҳои қатъии Қонуни Асосӣ огоҳӣ дорад, ҳеч гоҳ нисбати ходими зердасташ роҳи ғайриқонуниро пеш намегирад, дар баробари ин, ба ҳуқуқу озодиҳои инсон арҷ мегузорад. Зеро шаҳрвандони одие, ки қонунро медонанд, қонуншиканӣ намекунанд. Пас, мо бо ин роҳ дар кишварамон пеши роҳи қонуншиканиро низ мегирем.

Умуман, номзад аз ҳизб ҷонибдори он аст, ки шаҳрвандон меъёрҳои пешқадами ба қонунгузорӣ воридгардидаро дар ҳаёт пайгирона татбиқ намоянд.



Яке аз мизонҳои асосии давлати ҳуқуқбунёд, бешубҳа, таъмини пурраи ҳуқуқ ва манфиатҳои инсон мебошад. Дар ин маврид **институти адвокатура нақши муҳим дорад. Аз ин рӯ, дар моддаҳои 141-142 боби XXIV Конститутсияи таҳрирхӯрда мақоми адвокатҳо таҳким ёфта**, оварда шудааст, ки тафтишгар ва прокурор мақоми баробари конститутсиявӣ доранд. Дар баробари ин, оиди гузоштани қадамҳои нахустин дар роҳи рушди институти адвокатура, аз ҷумла, татбиқи пурраи ваколату имкониятҳои онҳо дар ҳаёт номзад ба президентӣ аз Ҳизби сотсиал-демократии «Адолат»-и Ӯзбекистон нуқтаи назари худро дорад.

Барои расидан ба ин мақсад бояд ба фаъолияти адвокатура технологияҳои ахбору коммуникатсияи замонавӣ бештар ҷорӣ карда шавад. Бахусус, пешниҳод карда мешавад, ки **доир ба табодули маълумоти электронӣ дар байни адвокатура, суд, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ** ва дигар мақомоти давлатӣ чораҳо андешида шаванд.

Ҳамчунин, дар барнома пешниҳод гардида, ки бояд барои хатоҳои ночиз фаъолияти нотариусҳо боздошта нашавад, **ба хатои аввал ва на он қадар дурушт аз нотариусҳо ҷарима ситондан** кифоя. Зеро дар минтақаҳо ба туфайли муваққатан боздоштани фаъолияти нотариусҳо, ки бе ин ҳам каманд, шаҳрвандони одӣ ба мушкилӣ мувоҷеҳ мешаванд. Ва дар ин хусус, барҳақ, изҳори норозигӣ мекунанд.

Ҳамчунин, Ҳизби сотсиал-демократии «Адолат» ҷонибдори он аст, ки тавассути пурзӯр намудани назорати депутатҳо аз болои мақомоти иҷроияи маҳаллӣ ба нақши Шӯрои маҳаллии депутатҳои халқӣ биафзоянд. Дар ин самт ҳизб чунин меҳисобад, ки ба мақсади ҳифзи интизоми идора дар давлат депутатҳои халқии Шӯроҳои шаҳрию ноҳиявию вилоятӣ бояд ҳуқуқи эътироз баён кардан ба ҳокимонро дошта бошанд.

### Дар роҳи таҳкими адолати иҷтимоӣ

Ҳизби сотсиал-демократии «Адолат»-и Ӯзбекистон тибқи дастгирии тамоюлҳи адолати иҷтимоии ҳизб ва сиёсати муқтадири давлатие, ки татбиқи барномаҳои васеъмиқёсро таъмин менамояд, дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёт ҷонибдори таҳким ёфтани адолати иҷимоӣ мебошад. Дар Конститутсияи таҳрирхӯрда оварда шудааст: **ҳар кас ҳуқуқ дорад, ки соҳиби манзили зист шавад**. Татбиқи ин меъёр ҳуқуқи соҳиби хона гардидани **ҳар як шаҳрванд, аз ҷумла, оилаҳои ҷавонро таъмин намуда**, дараҷаи аз ҳаёт розӣ шудани аҳолиро баланд мебардорад.

Ба ҷуз ин, дар қонунгузории ҷорӣ кафолат дода шудааст, ки **ҳеч кас бе қарори суд набояд аз хонаву ҷойи худ маҳрум гардад, зарари ба манзили зист расондашуда** бояд тибқи қонун бо дар назардошти қимати бозор ҷуброн карда шавад.

Дар барномаи номзад баҳри таъмини қоидаи мазкури конститутсия пешбинӣ шудааст: **барои онҳое, ки аз ҳисоби даромади худ имконияти соҳибу манзили зист шудан надоранд, чораҳои иловагӣ андешида шаванд**. Аз ҷумла, пешниҳод карда шудааст, ки бино ба ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандон ва дастгирии фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар ин самт бояд барномаи **«Давлати иҷтимоӣ - 2030»** мавриди коркард қарор гирад.

Барномаи номзад аз чунин мақсаду вазифаҳои неку наҷиб, ки ба беҳбуди зиндагӣ нигаронида шудаанд, саршор аст.

Итминон дорем, ки интихобкунандагон мақсадҳои неку наҷиби ҳизбро дастгирӣ менамоянд.

**Ҷамъияти адолатнок ва давлати ҳуқуқбунёдро дар якҷоягӣ месозем.**

**Баҳром АБДУҲАЛИМОВ,**
**раиси Шӯрои сиёсии ҲСД «Адолат».**

## БА НОМЗАД БА МАҚОМИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ӮЗБЕКИСТОН АЗ ҲИЗБИ СОТСИАЛ-ДЕМОКРАТИИ «АДОЛАТ» — РОБАХОН МАҲМУДОВА ОВОЗ ДИҲЕД!

## ХАБАРҲО

### САФАРИ НАВБАТИИ ПОЕЗДИ САЛОМАТӢ БА ҚАРОҚАЛПОҚИСТОН

***Поезди саломатии навбатӣ аз Тошканд ҷониби Қароқалпоқистон равон гашт.***

Қабл аз ҳаракати он дар воксали марказии пойтахт ҷамъомад рӯйи кор омад. Таъкид ёфт бойигарии асосии мамлакатамон, ки солимии халқ аст, тиббиёт чун ҳамешагӣ дар маркази эътибори ҳукумати мо буда, аз ғамхориҳое, ки давлат дар ин самт зоҳир менамояд, сокинони маҳалҳои дурдаст низ бояд баҳраманд шаванд. Поезди саломатӣ-санитарӣ аз ҷониби Бунёди хайриявии «Барои авлоди солим» ва Вазорати тандурустӣ маҳз бо ҳамин мақсад ба ҳар гӯшаю канори мамлакатамон фиристода мешавад.

Поезди саломатӣ соли 2021 ташкил ёфт. Инак, он бори панҷоҳум ба ҳаракат даромад ва роҳи Нукусро пеш гирифт. Дар таркиби ҳайат мутахассисони доираи маҳдуди тиббӣ ҳастанд, ки наздик 100 нафарашонро шифокорони тоифаи олӣ аз пойтахт ташкил менамоянд. Поезд бо диагностикаи замонавӣ ва таҷҳизоти тиббии асрӣ пурра таъмин аст. Тӯли сафар, ки 10 рӯз давом мекунад, дар навбати аввал ҳамонҳое аз назорати тиббӣ гузаронида ва бо дорувори бепул таъмин карда мешаванд, ки камтаъминанд ва маҳалҳои дурдаст зиндагӣ мекунанд. Дар вақти зарурат беморон барои табобат ба марказҳои тиббӣ фиристода ва онҳо ройгон ба табобат фаро гирифта мешаванд. Дар ҷараёни сафар ва шиносшавӣ ба вазъи саломатии аҳолӣ тарзи ҳаёти солим тарғиб карда мешавад.

### «АРТ-БАЗАР»-И НАВБАТӢ ДАР ПОЙТАХТ

***Дар мамлакатамон эътибор ба рушди ҳунармандии халқӣ ва санъати амалӣ ба дараҷаи сиёсати устувори давлатӣ қарор гирифтааст. Аз имтиёзҳое, ки фароҳаманд, кормандони соҳа муттасил истифода ва ҳунармандиро равнақ мебахшанд.***

Намоиши навбатии ҳунармандӣ бо унвони рамзии «Арт-Базар» дар пойтахт баргузор гардид. Дар маросими кушодашавии он таъкид ёфт эътибор ба соҳа ба равнақи ҳунармандии миллӣ дар Ӯзбекистон мусоидат сохта, онҳое, ки ба ин кор машғуланд, торафт меафзоянд. Чунончи, дар давоми панҷ соли охир миқдори устоён-ҳунармандон дар кишвар ҳафт маротиба, шогирдон бошад, нӯҳ маротиба зиёд шудааст. Ҷамъи онҳое, ки ба ҳунармандӣ ва санъати амалии халқ машғуланд, дар мамлакат наздик ба 230 ҳазор нафар расидаанд.

Дар намоиши ҳунармандии «Арт-Базар»-и навбатӣ бештар аз 100 нафар ҳунармандони маҳалливу хориҷӣ бо дастранҷи худ иштирок карданд. Ҳунармандон аз Русия, Туркманистон ва Тоҷикистон барои фароҳамии шароит ба намоиш додани намунаҳое, ки бо худ овардаанд, изҳори сипос намуданд. Заргарон, кашидадӯзон, кордсозони тоҷику ӯзбек дигарбора ба хулосае омаданд ҳунармандии миллиашон, ки таърихи қадима дорад, дар рӯзҳои мо низ ба якдигар хеле монанд. Атласу адрас, аз ҷумла, матоъи миллии ду халқанд, ки асосан дар Марғелон истеҳсол мешаванд.

Иштирокдорон гуфтанд чорабинии навбатӣ аз хуб-тар шудани ҳамкориҳои байналхалқӣ дар соҳаи ҳунармандӣ далолат медиҳад.

**М.ШОДИЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

# 3. ГАНҶИНАИ МАЪРИФАТ

(Аввалаш дар саҳ.1).

Адиб аз миёни рафҳои бешумор китоберо мекашаду бо мамнуният нишон медиҳад. Дар саҳифаи аввали он бо имзои нависандаи маҳбуби тоҷикон Фотеҳ Ниёзӣ чанд сухани гарме дарҷ шудааст. Карим Тошқулов дар даст боз китоби дигареро гирифта, бо меҳри беандоза варақ задаву айёми дуреро ба хотир меорад:

– Соли 1975. Он вақт донишҷӯйи Институти санъати Тоҷикистон будам, дар Театри опера ва балети шаҳри Душанбе бо нависанда Фотеҳ Ниёзӣ ва шоири шаҳир Мӯъмин Қаноат дидору мулоқоти хотирмоне баргузор гардид. Дар он маҳфили шеъру сухан кулли донишҷӯён ширкат доштанд ва аз суҳбатҳои марғуби адибон баҳравар гаштанд. Хушбахтона, он ҷо ман ҳам ҳузур доштам ва дар поёни чорабинӣ аз устодони сухан барои ёдмон дар муқоваи китобҳои мутааллиқ ба қалами онҳо «Ҳар беша гумон мабар, ки холист...» ва «Суруши Сталинград» соядасте гирифтам.

Карим Тошқулов гуфт, ки дидору мулоқотро бо адибони номвар хеле дӯст медошт ва ҳар вақт чунин чорабиниҳои фарҳангӣ доир мегардиданд, аз баҳри ҳама кор гузашта дар он иштирок мекард. Вай бо ифтихор мегӯяд, ки яке аз чунин вохӯриҳо бо шоири ширинкаломи тоҷик Мирзо Турсунзода иттифоқ афтода буд ва суҳбати ин марди беназир ба ҳозирон аҷаб таассуроти хубе гузошта буд.

Чунин китобҳо бо соядасти бузургони адабиёти тоҷику ӯзбек дар китобхонаи Карим Тошқулов хеле зиёданд. Бо ҳар бори даст дароз намудан ба рафи китобҳо дар дасти ӯ китобе меомад, ки ҳатман соядасте доранд ва ба ягон адиби номвари кишвар мутааллиқ ҳастанд. Масалан, китобҳои Абдулло Орифов, Исмоил Тӯхтамишов, Тӯлқин Ҳайит, Асадулло Исмоилзода, Асад Гулзодаи Бухороӣ, Ҷаъфар Муҳаммад, Асрор Бобоев ва академик Ҳайдар Бобобеков барин шахсиятҳои маъруф дар рафҳо ҷой гирифтаанд. Бояд таъкид намуд, ки як қисми ин китобҳо ба забони тоҷикӣ буда, дар як гӯша чида шудаанд ва ба таъкиди соҳиби китобхона бештар аз 500 нусхаро ташкил медиҳанд. Карим Тошқулов илова намуд, ки қаблан дар сар ташкил намудани як чунин китобхонаро надошт, бинобар ин аксари китобҳои ӯро фарзандони таборонаш бо худ бурдаву дигар барнагардонидаанд. Баъд дар сари ӯ ғояе пайдо мешавад, ки агар ин хазинаро дар шакли як китобхонаи алоҳида ба насли оянда боқӣ гузорад, беҳтарин амал хоҳад шуд.



– Ҳамин тавр, панҷ сол муқаддам аз ин, китобхонаро ҳамчун меҳмонхонаи худ таъсис додам, – нақл мекунад адиб. – Ва ҳоло аксари меҳмононам аз он дидан намудаву изҳори хушнудӣ мекунанд, ки ба як амали савобе даст задаам.

Аз нақли Карим Тошқулов дарёфтам, ки дар расми кушоиши китобхонаи ӯ муовини ҳокими вилоят Рустам Йӯлдошев ва муовини ҳокими ноҳия Баҳодур Амонов низ иштирок кардаву аз ин амали хайри адиб ҷонибдорӣ намудаанд. Минбаъд раиси бахши қашқадарёии Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон Ғулом Абдуев ва раиси бахши маънавият ва маърифати ноҳия Ринат Қӯзибоев низ ба китобхона омадаву барои ғанӣ сохтани фонди он ҳисса гузоштаанд. Вақте Карим Тошқулов дар байни кормандони тарғибгари корҳои эҷодӣ ва маданиву маърифатии мактабҳои ноҳия ҷойи аввалро сазовор гашта, Деҳқонободро дар сабқатҳои вилоятӣ муаррифӣ намуд, Лола Саодатова, мудири бахши маънавият ва маърифати вилоят барои китобхонаи ӯ 20 адад китоби нодирро тӯҳфа кард. Китобхона ва осорхонаи Карим Тошқулов соли 2022 дар як озмуни ноҳиявӣ дар байни китобхонаҳои минтақа ғолиб омада, дар озмунҳои вилоятӣ низ ширкат варзид. Ҳокимияти вилоят ва ноҳия даҳҳо «Ташаккурнома»-ву «Фахриянома»-ҳо ирсол дошта, хидматҳои адибро дар роҳи тарғиби маънавият ва маърифат дар байни ҷавонон қадр кардаанд. Овозаҳои муваффақияти китобхонаи К. Тошқулов зуд ба гӯши ҳокими ноҳияи Деҳқонобод Зойир Алиқулов низ расидаву ӯро водор сохт, ки ба ин маскани маънавият ташриф оварад. Зойир Алиқулов ба китобхона омада, дар як гӯшаи маҳаллае ташкил ёфтани чунин бунгоҳи маърифатро амали шоиста ва хеле саривақтӣ номид. Вай пас аз дидору мулоқот ба соҳиби китобхона ваъда дод, ки барои ғановати он саҳм хоҳад гузошт.

Карим Тошқулов гуфт, ки китобхонаи ӯ дар маҳаллаи «Аэродром» хеле маъруф аст ва мардуми ин музофот зуд-зуд омадаву китобҳои дилхоҳи худро гирифта мебаранд. Ҳатто муҳаққиқони корҳои илмӣ барои таълифи рисолаҳои худ аз манобеи китобхона истифода мебаранд.

Ҳоло қисмати бештари хонандагони китобхонаи Карим Тошқуловро зиёда аз 30 нафар набераву аберахояш, шогирдони дабистони рақами 89-уми маҳаллаи «Аэродром» ташкил мекунанд ва маҳфили эҷодкорони ин мактаб низ дар ҳамин китобхона доир мегардад. Карим Тошқулов – ин марди ҳамеша дар такопӯ дар мактаби мазкур тарғибгари корҳои эҷодӣ ва маданиву маърифатӣ аст ва шогирдони соҳибистеъдодро ҷамъ овардаву намунаи эҷоди онҳоро таҳлил намуда, беҳтаринҳояшро барои нашр тавсия мекунад. Яке аз узви беҳтарини маҳфили эҷодкорони ҷавон Улҷамол Самадова мебошад, ки маҳсули қаламӣ ӯ дар маҷмӯаи дастаҷамъии «Ғунчаҳои Деҳқонобод» ҷой гирифтааст. Вай хонандаи синфи 8-ум аст ва истеъдоди баландаш аз он дарак медиҳад, ки ноҳия минбаъд соҳиби як шоираи тавоное хоҳад гардид.

Бисёре аз чорабиниҳои маънавиву маърифатӣ, ба монанди Лоиқхонӣ, Бобурхонӣ, Навоихонӣ ва дигарҳо дар ҳамин китобхона мегузаранд ва аксари онҳо бо ташаббуси адиб Карим Тошқулов баргузор мегарданд.

Агар ҳокимияти ноҳия аз ҳисоби буҷаи маҳаллӣ як штати корӣ ҷудо намояд, сифати кори китобхона ба маротиб афзуда, нақши он дар ташаккули ҷаҳони маънавии мардум боз нишонрас хоҳад шуд.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти ҚАШҚАДАРЁ.*

## Дар нигористон

***Чунин ном дорад намоиши асарҳои 56 нафар мусаввирони кишвар, ки бо ташаббуси Вазорати экология, ҳифзи муҳити атроф ва Академияи рассомони Ӯзбекистон дар галереяи Тошканд тантанавор кушода шуд.***

### «МОДАР-ТАБИАТ ДАР ҶИЛОИ РАНГҲО»

Расмҳои Муниса Исроилова, Аслиддин Исоев, Болта Илёсов ва дигарон ҷолиби диққат аст.

– Намоиши асарҳои ҳамкасбони ман ба мухлисон завқу шавқ бахшид, – иброз дошт академик – мусаввир Аслиддин Исоев, – дар оянда рассомон ба вилояти Самарқанд ташриф оварда, бо деҳаҳои Оҳалик, Оқсой, Боғи миллии Зарафшон, қаторкӯҳҳои Ургут шинос шаванд, албатта чашмаи илҳоми эшон ҷӯш хоҳад зад.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

# ИҚТИСОДИЁТИ «САБЗ» – КАФОЛАТИ ОЯНДАИ МО

***Имрӯз инсоният бо таҳдидҳои нав рӯ ба рӯ мегардад. Шумораи аҳолии сайёраи мо торафт зиёд шуда, захираҳои табиӣ пай дар пай кам мешаванд. Мо, пеш аз ҳама, тезутунд шудани мушкилоти глобалии экологиро мушоҳида мекунем. Ҷомеаи ҷаҳонӣ барои ислоҳи вазъ зарурати ҷорӣ кардани принсипҳои «рушди сабз»-ро дар иқтисоди ҷаҳонӣ зикр мекунад. Ин равиш дар Ҳадафҳои рушди устувори СММ инъикос ёфтааст.***



Фоҷиаи Арал, ки барои Осиёи Марказӣ ва тамоми ҷаҳон аҳамияти фаврӣ дорад, инчунин истифодаи бесамари захираҳои замину об ва мушкилоти экологӣ, аз қабили таназзули экосистема, коҳиши гуногунии биологӣ, генофонди намудҳои наботот ва ҳайвонот, ифлосшавии ҳавои атмосфера ва обҳои партов ва ҷамъшавии партовҳои саноатӣ ва маишӣ ҳар кишварро тақозо мекунад, ки ба ин масъала таваҷҷуҳи ҷиддитар диҳанд. Чунин мушкилот барои мо хеле муҳиманд ва онҳоро ба таъхир андохтан мумкин нест.

Самти аввал дар барномаи пешазинтихоботии номзад ба мақоми Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Абдушукур Ҳамзаев ба **таъмини рушди устувори кишвар ва суръат бахшидан ба гузариш ба иқтисоди «сабз»** бахшида шудааст, далели он аст, ки он то чӣ андоза муҳим ва аҳамиятнок аст.

Ҳизби экологии Ӯзбекистон барои гузаштан ба иқтисодиёти «сабз» дар барномаи пешазинтихоботии худ як қатор мақсадҳоро пеш гузоштааст:

**Якум**, сиёсате пеш бурда мешавад, ки ба рушди тамоми соҳаҳои иқтисодиёт дар асоси **принсипҳои иқтисоди «сабз»** нигаронида шудааст. Ин истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ, нигоҳ доштан ва барқарор намудани ресурсҳои биологиро таъмин мекунад.

Маълум аст, ки гузариш ба иқтисодиёти «сабз» дар кишвари мо бо назардошти мавқеи ҷуғрофӣ, тағйирёбии иқлим ва равишҳои инноватсионӣ амалӣ гардонда мешавад. Бо дарназардошти он, ки Ӯзбекистон дорои иқтидори баланди техникӣ барои истеҳсоли энергия аз манбаъҳои барқароршаванда мебошад, пеш аз ҳама, бояд ба истифодаи энергияи офтоб, шамол, ҷараёни хурди об, энергияи геотермалӣ ва биомасса дар бахшҳои иқтисодиёт, инчунин ба ин соҳаҳо ҷорӣ намудани технологияи пешқадами инноватсионӣ диққати махсус дода шавад.

Пешниҳод шудааст, ки **механизмҳои бозорӣ дар соҳаи манбаъҳои барқароршаванда ва алтернативии энергия** ҷорӣ карда, иштироки бахши хусусӣ дар бозори захираҳои энергетикӣ васеъ карда шавад. Тавассути ин эҳтиёҷоти доимоафзояндаи аҳолӣ ба энергия таъмин карда шавад.

Барнома дастгирии васеъ ҷорӣ намудани технологияҳои энергетикӣ, сарфаҷӯӣ ва дигар технологияҳои инноватсионии экологӣ ва рақамиро дар бахшҳои ресурсталаби иқтисодиёт – энергетика, сохтмон, кишоварзӣ, системаи коммуникатсияи нақлиётӣ ва коммуналӣ пешбинӣ менамояд.

**Дуюм**, истеҳсолкунандагони асосии кишвар, махсусан корхонаҳои калон **ба технологияҳои сабз равона карда мешаванд**.

Дар тамоми ҷаҳон, аз ҷумла, дар мамлакати мо, истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ, муҳофизат намудани онҳо ва барқарор намудани ресурсҳои биологӣ аҳамияти торафт калон пайдо мекунад.

Дар доираи Созишномаи Париж Ӯзбекистон пайравии худро оиди то соли 2030 нисбати МУД то 35 фоиз коҳиш додани партовҳои газҳои гулхонаӣ тасдиқ мекунад. Қарор аст то соли 2026 ҳиссаи энергияи «сабз» ба 8 ҳазор МВт расонда шавад, ки партоби гази карбонатро то 5 миллион тонна коҳиш медиҳад.

**Сеюм**, Ӯзбекистон бо мақсади баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузорӣ пешниҳоди ҷорӣ намудани барномаи **«Раводиди сабз»**-ро (Green Visa) ба миён гузоштааст. Бояд гуфт, ки ба туфайли ин барои самаранок истифода бурдани сарватҳои табиӣ сармоя ҷалб карда мешавад.

**Чаҳорум**, пешниҳоди таҳияи **«индекси гузариш ба иқтисоди сабз»**-и соҳаҳо ва минтақаҳо ба миён гузошта мешавад.

Инчунин барои арзёбии сатҳи истифодаи имкониятҳо дар тамоми бахшҳои иқтисодиёт ва минтақаҳо «индекси гузариш ба иқтисоди сабз» талаб карда мешавад. Гузашта аз ин, азбаски иқтисоди «сабз» оянаи кишвари мост, маълум мешавад, ки кадом бахш ё минтақа ба он омода аст ё кадоме ақиб монда аст.

**Аз барномаи пешазинтихоботии номзад ба мақоми Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз Ҳизби экологии Ӯзбекистон Абдушукур Худойқулович Ҳамзаев:**

**«Мо ғояи татбиқи сиёсати «сабз»-ро ба пеш мегузорем, ки ба рушди устувори экологӣ нигаронида шудааст.**

**Барои ноил шудан ба ин мақсад, инҳоро ба сифати вазифаҳои устувор муайян мекунем:**

- сиёсате ба амал бароварда мешавад, ки ба инкишофи тамоми соҳаҳои иқтисодиёт дар асоси тамоюлҳои иқтисодиёти «сабз» нигаронида шудааст. Ин истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ, нигоҳ доштан ва барқарор намудани ресурсҳои биологиро таъмин мекунад;
- истеҳсолкунандагони асосии кишвар, махсусан корхонаҳои калон, ба технологияҳои сабз равона карда мешаванд;
- бо мақсади баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузории кишвари мо тавассути ҷорӣ намудани барномаи «Раводиди сабз» (Green Visa) ба истифодаи самараноки захираҳои табиии кишвари мо сармоя ҷалб карда мешавад;
- «Индекси гузариш ба иқтисодиёти сабз»-и бахшҳо ва минтақаҳо таҳия мешавад, ки дар он баҳодиҳии ҳолати гузариш ба иқтисодиёти сабз дар бахшҳо ва минтақаҳои иқтисодӣ пешбинӣ шудааст.

Яке аз масъалаҳои асосие, ки дар назди мо меистад, **пешгирӣ ва рафъи мушкилот дар системаи энергетикӣ** мебошад. Тавре ба ҳама маълум аст, бо энергияи доимӣ таъмин намудани аҳолӣ ва соҳаҳои иқтисод масъалаи хеле муҳим аст. Дар барномаи пешазинтихоботии номзад аз аввал ба он диққати махсус дода шудааст.

Дар барномаи пешазинтихоботии номзад ба рушди энергияи таҷдидшаванда ҳамчун як роҳи бехатар ва камхарҷ барои таъмини суботи энергетикӣ дар кишвар таваҷҷуҳ дода шудааст. Аз ҷумла, роҳҳои алтернативӣ ва бехатари раҳоӣ аз мушкили норасоии барқ дар ҳаёти имрӯза тавассути дар ин самт ҳарчи зудтар ва босифат анҷом додани корҳо пешниҳод мешаванд.

**Якум**, мо бояд **«Стратегияи энергияи сабз»**-ро таҳия кунем, ки ба рушди манбаъҳои барқароршавандаи энергия нигаронида шудааст. Ҷиҳати муҳими ин дар он аст, ки ба воситаи ин яке аз масъалаҳои асосие, ки дар назди мо истодаанд, — пешгирӣ ва бартараф кардани мушкилоти низоми энергетикиро имконпазир мегардонад.

**Дуюм**, пеш аз ҳама, бояд дар сатҳи давлат васеъ ҷорӣ кардани технологияҳои сарфакунандаи энергияву захира ва дигари инноватсионӣ, экологӣ ва рақамӣ дар соҳаҳои **ресурсталаби иқтисод** – энергетика, сохтмон, кишоварзӣ, низоми нақлиёту коммуникатсия дастгирӣ карда шавад.

Яке аз масъалаҳои глобалии имрӯза **кам кардани миқдори газҳои заҳролуд ба атмосфера ва таъмини амнияти экологӣ** мебошад. Дар ҳақиқат талаби асосии иқтисодиёти «сабз» ба табиат ва муҳити зист зарар нарасонда, ривоҷ додани иқтисодиёти умумӣ мебошад.

Дар соли 2022 ҳаҷми партовҳо ба атмосфера дар Ӯзбекистон **2,057 миллион тонна**ро ташкил дода бошад, аз он 63 фоизаш ба нақлиёт ва 37 фоизаш ба корхонаҳои саноатӣ ва истеҳсолӣ рост меояд. Аз ин рӯ, мо бояд роҳи ҳалли мушкилоти газҳои заҳролуди воситаҳои нақлиётро пайдо кунем, ки имрӯз ба яке аз ҷузъи ҷудонашавандаи ҳаёти мо табдил ёфтааст.

Дар барномаи пешазинтихоботӣ ба ин мушкилот диққати махсус дода шудааст. Муҳимтарин ташаббус дар ин замина **аз соли 2030 манъи фурӯш ва воридоти мошинҳои сабукрав бо муҳаррикҳои дарунсӯзӣ дар кишвар аст**. Дар баробари ин ҳиссаи мошинҳои пурборро дар ифлосшавии атмосфера ба назар гирифта, мо бояд кашондани борҳоро аз мошинҳои вазнинбор ба роҳи оҳан ва дигар намудҳои нақлиёте, ки ба муҳити зист таъсири кам доранд, тағйир диҳем.

***Дар меҳвари ҳар як самти барномавии пешниҳоднамудаи номзади Ҳизби экологии Ӯзбекистон ҳадафҳои олиҷаноб, аз қабили рушди устувори кишварамон дар асоси принсипҳои «сабз», фароҳам овардани муҳити поку озода, фароҳам овардани ҳаёти барои инсон ва табиат як хел бехатар мебошанд.***

***Халқамон, тамоми шаҳрвандони ба экология бефарқнабударо даъват менамоем, ки дар ба амал баровардани вазифаҳои устувори дар барномаамон муайяншуда, ноил гардидан ба мақсадҳои муҳими аз қабили ҳифзи муҳити зист ва боигариҳои табиии нодир якҷоя фаъол иштирок кунанд.***

***Ба масъалаи ҳифзи табиат бепарво набошед!***

***Хайрулло ГАППОРОВ,***
муовини Спикери Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис,
раиси фраксияи Ҳизби экологии Ӯзбекистон.

**БА НОМЗАД АЗ ҲИЗБИ ЭКОЛОГИИ ЎЗБЕКИСТОН АБДУШУКУР ҲАМЗАЕВ ОВОЗ ДИҲЕД!**

# СОҲИБИ КАСБИ НОДИР

Маҳмудҷон Қосимов бо орзуи деринаю номаи камол ба шуъбаи тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи давлатии Самарқанд барои таҳсил ҳуҷҷат супурд, аммо ноком монд. Вай ҳуҷҷатҳояшро гирифта, ба зодгоҳаш –деҳаи Варзик баргашт. Пас кор ҷустуҷӯ кард. Дар яке аз чунин рӯзҳо ба девораки даромадгоҳи коргоҳи дӯзандагии деҳаашон он бо 6-7 нафар дӯсту ҳамсолонаш аз бекорӣ суҳбаткунон менишастанд. Ҳамдеҳаи наздики Маҳмудҷон — домулло Ғаниҷон Ғозиев омаду онҳоро ба наздаш хонд ва чунин таклиф кард:

– Бекор нагашта, рафта хонед, – ва он дар хусуси касбу ҳунар, имтиёз ва нишонии омӯзишгоҳе, ки дар шаҳраки Уйғурсойи ноҳияи ҳамсояи Поп воқеъ буд, ба ҷавонон маълумоти расою дақиқ дод.

Аз огоҳшудагон 3-4 нафар ба он омӯзишгоҳи касбӣ-техникӣ барои таҳсил рафтанд. Дарҳақиқат, дар ин ҷо хобгоҳ, 3 маҳал хӯроки гарм барои талабагон бепул буданд. Ҳар моҳ каме барои эҳтиёҷоти дигарашон пул ҳам дода мешуд. Бо таҳсили интихобӣ дар омӯзишгоҳ касбу ҳунарҳои гуногунро аз худ кардан мумкин буд. Маҳмудҷон барои худ омӯзиши касби нодири экскаваторчигиро интихоб кард.

Барои он касби нодир буд, ки дар деҳаи онҳо 5-6 нафар марди башумор бо экскаваторчигӣ машғул буданд. Дар баъзе маҳалҳо, умуман, соҳибони ин касб набуданд. Аксари экскаваторчиён дар касбашон кор накарда, онро партофта, мерафтанд, зеро ки шумбачаҳои даври карахтӣ ба ойинаю дари кабинаи экскаватор шикаст мерасонанд. Дар ин кабинаи кушод вақти сармо кор кардан душвору тоқатфарсо мегардид.

Боз дар ҳавои сарди тирамоҳу зимистон роҳи лойолудро то ба ҷойи исти саҳроии экскаватор тай карда, расидан мушкилотро пеш меовард. Агар техника носоз бошад, руҳи соҳиби он мешикаст.

Бо ҳамин сабабҳо ронандагон аз он гузашт карда, корро мепартофтанд.

Дар омӯзишгоҳи касбӣ-техникӣ аз байни ҳамдеҳагонаш танҳо Маҳмудҷони ташнаи илму касб бо баҳоҳои аъло курси экскаваторчигиро аз худ карда, бо ихтисоси мошинист-экскаваторчӣ ба Колоннаи механиконидашудаи сайёри «Ирстрой»-и шаҳри Чуст ба кор даромад.

Устоди ботаҷрибаю кордонаш Мухторҷон Ёқубов ӯро такроран бо усулҳои корбарӣ бо экскаватор ошно кард. Баъди 1 соли шогирдию омӯзиши дубора ба номи Маҳмудҷон экскаватори нав омад. Соҳибтехника аввалин бор фаъолияти меҳнатиашро дар селанбори Кӯксараксойи ноҳияи Чуст сар кард. Баъд ба сохтмончиёни обанбори Варзик ёрӣ расонд. Кори он босифату самаранок адо мегардид. Корбайъ дода шудани музд ба кӯшиши ӯю ҳамкасбонаш кӯшиш зам мекард. Агар экскаватор дар таъмир бошад, музди кам дода мешуд. Дафъае чунин шуд, Маҳмудҷон мунтазири аз таъмир баромадани техникааш буд. 25 сӯм пули гирифтаашро ба модараш Равшанбибӣ оварда дод. Аз ин падараш Болтабой огоҳӣ ёфту гуфт:

– Писарам, ман як ҷомаи навамро фурӯхта, ба ту пул карда медиҳам.

Вай ин таклифро бо сабаби кам пул гирифтани фарзандаш ё бо нияти ёрирасонӣ ба ӯ баён кард, Маҳмудҷон нафаҳмида монд. Барои ҳамин аз суханони падараш ба дард омад ва аҳд кард:

– Ман дигар ба он кор намеравам.

Болтабойамак ин аҳди ӯро шунида, таъкид намуд:

– Ту кори худро накунӣ, чӣ кор мекунӣ? Ман барин каланд мезанӣ ё боз кор мековӣ. Ба корат рафтан гир.

Маҳмудҷон гуфтаҳои падарашро фаҳмиду дигар гапе назад. Экскаватори созашро ба кор андохт. Дар саҳроҳо каналу заҳбурҳо канд, барои сохтмони истгоҳҳои обкаши ноҳияҳои Чусту Поп чуқурӣ кофт. Ҷуғрофияи меҳнатиаш дар он ноҳияҳо ва ноҳияҳои Задарё, Янгиқӯрғон ва Намангон васеъю паҳн шудан гирифт.

Баъди дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ адои қарзи шаҳрвандиаш низ Маҳмудҷон аз касби худ даст накашид.

– Агар инсон виҷдонан касбашро дӯст дорад, ба ҳастию нестиҳои он тоқат кунад, албатта, кораш пеш меравад, – бо ин гуна суханони ҳикматомез таълим медод ӯ ба ҳамкасбони ҷавонаш.

Боз ба он гуфтаҳо илова мекард:

– Ақлро ба ҷояш монда, экскаваторро идора кардан зарур аст. Ин техника дар ҷойи исташ 360 дараҷа давр мезанад, милаш дарозу вазнин аст. Дар он ба атроф бо диққат нигариста, кор кардан лозим аст, вақти ҳаракати он набояд ба вай одам наздик шавад. Умуман, ба қоидаҳои бехатарии меҳнат қатъӣ риоя кардан зарур аст.

Маҳмудҷон аз рӯйи касби худ таҷрибаи бой ҳосил намуд, ҳунари комилан ба худ бегонаю нодирро касби дӯстдоштаи хеш гардонд.

Ҳангоми боришҳои сахт обхезиҳо рӯй диҳанд, барои бастани роҳи сел бонги хатар зада, экскаваторчиёнро таъҷилан мебурданд. Ин фидоиёни касб барои иҷрои он вазифаҳо шабу рӯз то 16-соатӣ мубориза мебурданд. Боре дар ин гуна рӯзҳои пурмашаққат раиси хоҷагие барои меҳнати зарбдоронааш ба Маҳмудҷон соати арзандаи кисагӣ туҳфа кард. Барои корнамоиҳои шоёни меҳнатиаш борҳо ин экскаваторчии моҳир бо мукофотҳо тақдир шудааст. Мисли худ Муродҷон, Одилҷон ва Зокирҷон барин шогирдони ғайратмандро тарбия кард, ки ин шоистаи таҳсин аст. Фақат онҳо на бо экскаваторҳои кӯҳна, балки бо экскаваторҳои замонавии бесимтанобдору гидравликии «Самсунг», «Волво» ва ғайра фаъолияти устодашонро, инчунин босифату самаранок давом дода истодаанд.

– Маҳмудҷон касбашро нағз медид. Дар ҳамин касб хуб кор карда, ба нафақа расид. Ба мушкилиҳои ин ҳунар на ҳар кас тоб меоварад. Аммо Маҳмудҷон инро тавонист, – ҳамкасбашро таъриф кард яке аз ҳамкорони собиқаш Шокирхон Исроилхоҷаев.

– Касби бад нест, касби бад намешавад ҳам. Ман ҳамин хел ба касбам меҳр дода, кам нашудам, – гуфт Маҳмудҷон дар хулосаи суҳбатамон.

Оре, вай муаллими забон ва адабиёти тоҷик шуданӣ буд дар аввал, вале нашуд. Аз имтиҳони сеюми қабул дар донишгоҳ «ғалтид». Ноумедиҳо ба ӯ умед бахшиданд. Бо амри тасодуф домулло Ғаниҷон Ғозиев тақдирҷунбони он шуду экскаваторчигиро ба худ касб кард. Хушбахтии ӯ дар ин пеша будааст. Ба ҳар гуна машаққати ин ҳунар сабр карда, 38 сол фаъолияти меҳнатӣ бурд. Аз паси ин касби хушкардааш хонаю ҷояшро обод кард. Соҳиби оилаи намунавӣ гардид. Фарзандонашро хонадор кард. То имрӯз нафақахӯр, маслиҳатгару дуогӯйи онҳою наберагон аст.

Бо вуҷуди ин, Маҳмудҷон бекор наменишинад. Бо парваришу нигоҳубини зироати замину боғи наздиҳавлӣ рӯз мегузаронад. Бале, вай бо давомдиҳандагони ҳаёташ умри бобаракат ба сар мебарад.

**Ш. МИРЗОЕВ.**
*Вилояти НАМАНГОН.*

# ОМОДАГӢ БА ФЕСТИВАЛ

***Дар шаҳри Бухоро гузаронидани ҷашнвораи байналхалқии «Абрешим ва зиравор» ранги одатро гирифтааст. Шаҳри куҳна ба тадбири навбатӣ, ки 16-18 июн баргузор мегардад, тайёрии ҳаматарафа мебинад.***

Мувофиқи барнома дар ин ҷо тадбирҳои гуногун ба амал меоянд. Маросими тантанавии кушодашавии фестивал дар маҷмӯи «Пойи Калон» сурат мегирад. Тадбирҳои маданӣ, намоиши маҳсули дастони ҳунармандон, барномаҳои рангини консертии дастаҳои ҳунарӣ, бешубҳа, ҷозибаи ҷашнвораро меафзоянд. Майдони Арк бошад, ба маскани дӯстдоштаи тамошобинон табдил меёбад. Дар ин ҷо бозиҳои гуногуни миллӣ, ҳунарнамоиҳои ширинкорон, рақсу сурудҳои дилнавози ҷамоаҳои фолклорӣ ба амал омада, садои рӯҳбахши карнаю сурнай танин меандозанд. Баромадҳои доиразанон ба гирду атроф ҳусни идона мебахшад. Шубҳае нест, ки ҷашнвораи пешистода ҳамчун иди дӯстию ҳунармандӣ бахри пос доштани мероси мадании мардум нақши муҳим мебозад.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

***ПАЙВАНД***

# «ДУРДОНАИ ШАРҚ» – ВАСЛГАРИ АДАБИЁТУ ФАРҲАНГ

***Бо даъвати ҷамоаи Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент ҳайати эҷодии маҷаллаи адабӣ, илмӣ ва фарҳангии «Дурдонаи Шарқ» меҳмони ин даргоҳи илму маърифат шуданд.***



Ректори донишкада, узви клуби ректорони Аврупо, профессор Муаззамхон Ансорӣ ҳайати намояндагонро хуб пазируфта, дар бораи ҳамкориҳои минбаъда ва дар якҷоягӣ нашр намудани шумораҳои муштарак ҳарф зад.

Сармуҳаррири маҷаллаи «Дурдонаи Шарқ» Асадуллоҳ Исмоилзода ба маъмурияти донишкада бастаи китобҳои бадеӣ ва шумораҳои маҷаллаҳоро супорид.

Инчунин, дар ҳокимияти шаҳри Панҷакент вохӯрӣ ба вуқӯъ пайваст. Намояндаи ҳокимияти шаҳр, узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Саид Юнусӣ дар бораи дӯстии ду кишвар, имкониятҳои мавҷуда ва ҳамкориҳои минбаъда суҳбат кард.

Ҷамоаи эҷодии «Дурдонаи Шарқ» нақша дорад ба дигар ноҳияҳои Тоҷикистон низ сафарҳо ташкил намуда, робитаҳои адабию фарҳангиро ба роҳ монад.

**Аслиддин ҒУЛОМОВ,**
**ходими «Дурдонаи Шарқ».**

*Аниси кунҷи танҳоӣ*

# БЕ КИТОБ, ЭЙ ДӮСТОН, БУНЁДИ МО НОРАВШАН АСТ

*Дониш зи китоб асту китоб асту китоб,*
*Хонаш, ки савоб асту савоб асту савоб.*

Китоб, мавзӯест, ки инсоният дар ҳама давру замон такрор ба такрор ба он рӯ овардааст меорад.

То ин дам дар бораи аҳамият, азимият, мавқеи он дар ҳаёти шахс ва ҷомеа, ба гумонам, сухани ногуфтае намонда.

Эътироф гардида, ки китоб ёрест бовафо, ҳамсӯҳбату ҳамнишин, дӯсти холис, ғамгусору маслиҳатгар. Зеро ба он ҳар қадар, ки бо эҳтиёҷ рӯ оварӣ, роҳу равишат нишон медиҳад.

Дар китоб ҳама асрору таърихи тамаддуни одамият, кишвар, илму дониш, маданияту фарҳанг дарҷ гардида, мавриди истифода қарор мегирад. Албатта бисёр чизҳо дар дунё ба фаромӯшӣ супурда мешаванд, аммо ҷуз китоб. Ҳар як саҳифаи пурқимати он бо гузашти давру замон ҳеҷ гоҳ фарсуда намегардад, баръакс, торафт қимат пайдо мекунад.

Ана ҳаминҳост, ки ҳангоми сафарҳои Тоҷикистон, хусусан, Панҷакент, Душанбешаҳр, Хуҷанд дӯстдоштатарин машғулияти инҷониб ташриф ба китобхонаю мағозаҳои китоб аст. Ҳамин бор низ боздид аз Маркази «Хирад», сарредаксияи Энсиклопедияи тоҷик, мағозаҳои китоби нашриёти «Адиб», Китобхонаи миллӣ ва пайдои китобҳои беназир ҳисси қаноатмандии банда буд.

Сӯҳбат бобати вазъи китобу китобдориву китобхонии аҳли ҷомеа бо Абдуҷалили Амон, ки ба тарҷума ва нашри серхонандатарин китобҳои олам машғул аст ва роҳбарии маркази «Хирад»-ро ба зимма дорад, хеле гуворою хотирмон буд.

Ҳини сӯҳбат маълум гашт, ки беҳтарин тарҷумону донандагони адабиёт ва мутахассисони тоҷик, ба мисли Шодимуҳаммад Сӯфизода, Абдуқодири Рустам, Обид Шакурзода, Шодӣ Шокирзода, Абдухолиқи Набавӣ, Мубашшири Акбарзод мушовир ва роҳнамои «Хирад»-анд.

Хушбахтона, мардум ба китоб нисбати солҳои пешин бештар рӯ меорад, мутолиа менамояд ва ба китобхонаҳо серташрифтар мегардад. Ин ҳолатро на танҳо дар байни донишҷӯёну мактабиён дидан мумкин ва ё қисме аз рӯи вазифаю зарурат ба китоб муроҷиат мекунанд, балки гурӯҳи васеи мардум аз рӯи меҳру хоҳиши тамом ва ё амри виҷдон ба ин мавзӯъ рӯ овардааст.

Алоқамандии ин ҷониб бо Китобхонаи миллии Тоҷикистон аз соли 2012 шурӯъ шудааст. Ин имкониятро бароям директори собиқи он Носирҷон Салимов фароҳам оварда буд ва ҳар бор, ки сафари Душанбешаҳр насибам мегардад, рӯзу ҳафтаҳо аз ин хазинаи илму маърифат баҳрабардорӣ менамоям. Китобу рӯзномаҳои тоҷикие, ки дар Ӯзбекистон нашр мешаванд, ба бойгонии китобхона месупорам, то ки тоҷикистониёни азиз аз табъу нашр ва вазъи забону адабиёти форсии тоҷикии кишвари ҳамсоя огоҳ бошанд.

Агарчи солҳост бо ин махзани илм иртиботи қавӣ дорам, аммо ин бор ба шарофати рӯзи дарҳои боз ва роҳнамоию нақлҳои кормандони соҳибистеъдоди он Бобоҷони Шафеъ ва Раҳима Бобоева онро барои худ тозатар кашф кардам.

Он бузургтарин китобхона ва махзани дастнависҳои гаронбаҳои Тоҷикистон буда, 20 марти соли 2012 таъсис ёфтааст. Китобхона дар асоси озмуни байналмилалӣ амалӣ шудааст. Китобхона аз 9 ошёна, чор қисм, 25 толори хониш барои 1500 ҷои нишаст, 3 толори калони намоишгоҳи китоб («Осорхонаи китоб», «Китобҳои давраи Истиқлол» ва «Китобҳои нав»), 36 шӯъба, 28 маҳфузгоҳ барои нигаҳдории 10 млн. нусха китоб, бахш ва марказҳо иборат буда, инчунин 9 маҷлисгоҳ ва толори баргузории ҷаласаву конфронсҳою дигар асноди иттилоотӣ ва чопхонаро дороcт.

Бо ташаббуси китобхона ва кӯмаки сафорату марказҳои фарҳангии муқими кишвар марказҳои якчанд мамолики дунё таъсис шудаанд. Дар ин қатор марказҳои фарҳангии Амрико, Эрон, Корея, Маркази иттилоотии Олмонро метавон ном бурд.

Теъдоди хазинаи китобхона имрӯз ба 6 млн. нусха расидааст. Асоси хазинаи ин китобхонаро бо 3 млн. ва 327 ҳазор ҷилд китобу нашриёҳои мухталиф Китобхонаи миллии Тоҷикистон ба номи Абулқосим Фирдавсӣ, ки соли 1933 таъсис ёфта, соли 1934 ба муносибати 1000-солагии шоир номи вайро гирифтааст, ташкил намудааст ва боқимонда саҳми аҳолии кишвар ва муассисаҳои давлативу хусусӣ, ташкилоту созмонҳои байналмилалӣ мебошад. Барои кор дар китобхона беш аз 700-нафар мутахассисони баландихтисоси соҳаи китобдорӣ ва донандаи технологияи муосири иттилоотӣ ҷалб карда шудаанд. Аз нигоҳи масоҳат, ғунҷоиши фонди китоб, фарогирии хадамоти китобдорӣ-иттилоотӣ ва фаъолияти фарҳангӣ бинои Китобхонаи миллии Тоҷикистон дар Осиёи Марказӣ ягона аст.

Китобхона маҷаллаи худро бо номи «Паёми Китобхонаи миллӣ» дорад.



*Китобхонаи миллии Тоҷикистон.*
***Суратгир: Т. ХОВАРӢ.***

Он соҳиби сомонаи худ аст ва истифодаи манобеи электронӣ имкон медиҳад, ки дар радифи хонандагони анъанавӣ, хонандагони виртуалӣ номнавис шаванд ва фонди электронии мавриди истифода қарор диҳанд.

Бо ворид гардидан ба хазинаи китобхона вуҷуди касро эҳсосоти бузурге фаро мегирад. Чӣ қадар адабиёти гуногун ва хонданбоб. Намедонӣ кадом китобро ба даст бигириву аз кадом мутолиаи онро оғоз намоӣ. Дар китобхона китобҳое мавҷуданд, ки аз асри 13 боқӣ мондаанд. Мавриди қайд аст, ки осори чопии шахсиятҳои бузургро, ки дар дасти мардум ҳастанд, харидорӣ кардаасту то имрӯз мекунад.

Хусусан, нақшу ҷойгоҳи китобхона ҳамчун объекти мероси илмии Шарқ, манбаи дониш ва таҳқиқи масъалаҳои гуногуни таъриху сиёсат, иқтисодиёту маънавиёт ва маорифу фарҳанги ниёгонамон беш аз пеш меафзояд.

Бахусус, дидани шӯъбаи дастхатҳои Шарқ ва китобҳои нодир, ки дар радифи китобҳои чопи сангӣ ва муосир осоре, ки дар садаи XIII- XIX китобат шудаанд, қобили қайд аст. Дар ин қатор метавон «Таърихи Табарӣ ё таърих-ур русул в-ал мулук»-и Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ, «Девон»-и Амир Хусрави Деҳлавӣ, «Шоҳнома»-и Абулқосими Фирдавсӣ, «Кимиёи саодат»-и Муҳаммади Ғаззолӣ, «Ахлоқи Мӯҳсинӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ, «Тазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ, «Чаҳор унсур»-и Абдулқодири Бедил, «Афроди фатҳия ва ганҷ-улошиқин»-и Мир Саид Алии Ҳамадонӣ, «Хамса»-и Низомии Ганҷавӣ, асари ҷуғрофии Насируддини Тӯсӣ (китобшудаи асри XV) ва дигар осори қаламии шахсиятҳои таърихии Шарқро ном бурдан мумкин аст, ки ба сифати муқаддастарин арзишҳо ва мероси нотакрори ниёгон то имрӯз арзи вуҷуд дошта, таҳти низоми махсус нигаҳдорӣ мешавад. Ҳамин асно фикре ба сарат меояд, ки дар аҳди қадим китобу китобдории мардуми мо дар кадом ҳолат буд, бароямон торик аст. Аммо маълуми ҷаҳониён аст, ки ниёгони бузурги мо китоби осмонии «Авесто»- ро 2700 сол қабл дар пӯсти 12 ҳазор гов мураттаб кардаанд. Ва ё дар пештоқи китобхонаи Донишгоҳи Гунди Шопур (Академияи Шопур, асрҳои III-VII)-и аҳди Сосониён шиори муқаддаси «Донишу ҳикмат пурзӯртар аз шамшер аст» сабт ёфта буд. Ва ин донишу ҳикмат, бешак, дар китоб маҳфуз аст.

Дар шӯъбаи хазинаи матбуоти даврӣ аз соли 1930-и асри гузашта қабили «Шӯълаи инқилоб», «Бедории тоҷик», «Овози тоҷик», «Раҳбари дониш», «Дониш ва биниш» ва мисли инҳо бо хатҳои форсию лотинӣ мавҷуданд.

Вохӯрӣ ва сӯҳбат бо муовини директор Салима Раҷабова, ки аз дасташ китоби «Дарахтон то бӯрон сарсабзанд»-и Рафиқ Нишонов ба ин ҷониб расид, дӯсти деринаи донишмандам Бобоҷони Шафеъ ва ходимаи варзидаи китобхона Раҳима Бобоева, ки моро дар ин сафар роҳнамоӣ ва муаррифӣ кард, хеле хушу хотирмон буд.

Чун бо таассуроти зиёде аз китобхона ба дар мерафтем, суханҳои Расул Ғамзатов, ки «Барои худшиносӣ китоб зарур аст, барои шинохти дигарон низ китоб муҳимтар аст. Халқи бекитоб ба одами нобино монанд аст, ки ҳусни дунёро намефаҳмад. Ҳамчунин халқи аз китоб маҳрум ба инсоне шабоҳат дорад, ки бо ойина рӯи худро дида наметавонад», ба хотирам расид.

Бале, дарҳақиқат, ҷомеае, ки китобу китобхон надошта бошад, мисоли хонаест, ки чароғ надорад.

Ҳақ бар ҷониби Алӣ Бобоҷон аст, ки мегӯяд:

*Бе китоб, эй дӯстон, бунёди мо*
*норавшан аст,*
*Тираву торик ҳамчун хонаи беравзан аст.*

**Амина ШАРОФИДДИНОВА,**
*САМАРҚАНД.*

***Маълум, ки шахсиятҳои барҷастаи адабу фарҳанги мо Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ, Садриддин Айнӣ ва Ҳоҷӣ Муин дар Самарқанд зиндагӣ ва эҷод кардаанд. Пайрав ва ҳаммаслакони зиёд доштанд ин маорифпарварон, шуълаи маърифат бо шарофати чароғдориву чароғбонии эшон дар Сайқали рӯйи замин ба қалби умум ҳарорат мебахшид, фикрҳоро равшан мекард. Боз як нафар зиёии тоҷик Мирзо Кӯқандбой Абдухолиқзода дар он даври нооором ба сар бурда, дар пайроҳаи эҷод қадам зада, аз худ осори назмию насрӣ боқӣ гузоштааст. Вале номаш на ба ҳама маълум. Бинобар ҳамин ӯро дар радифи адибони гумном мешуморанд. Барои шиносонданаш ба омма бошад, ҳаракатҳо сар шудаанд.***

# АРВОҲИ ГУЗАШТАГОНИ ХУД ШОД КУНЕМ

Ба наздикӣ нашриёти «Ёш авлод матбаа» китоби муҳаққиқ ва шоири маъруф Ҷаъфар Холмӯъминовро бо унвони «Рӯзгор ва осори ду адиби гумном» ба табъ расонд. Очеркҳои таърихӣ-ҳуҷҷатӣ доир ба зиндагӣ ва мероси адабии ду адиби гумноми садаи бистуми тоҷик – нависанда ва мутарҷими бомаҳорат Мирзо Кӯқандбой Абдухолиқзодаи Самарқандӣ (1969-1948) ва шоири зуллисонайн Ороми Понғозӣ (1910-1997) буда, муҳаққиқ ва мураттиб баробари оиди зиндагинома ва фаъолияти эҷодии ин ду адиб ҳарф задан ба бозкушоии баъзе паҳлуҳои ноаёни адабиёти ибтидои асри бистум муваффақ гардидааст.

Бармеояд Мирзо Кӯқандбой чун адиб ду роман бо номҳои «Намоз» ва «Духтари кӯҳистон» навиштааст. Ҳамчунин асарҳо доштааст бо унвони «Шӯриши Диззах» ва «Хотирот». «Аз нӯги тозиёна хун мечакад» ва «Истадҷон» ном қиссаҳо ва як қатор ҳикоёт дар мавзуъоти гуногун эҷод карда, луғатҳо тартиб дода ва чанде китобҳои дарсиро низ баргардонда будааст. Дастхатҳо аз бойгонии шахсии нависанда ёфт шудаанд, ки бо се забон – форсӣ-тоҷикӣ, ӯзбекӣ ва русӣ таълиф ёфтаанд.

Соли 1868 русҳо Самарқандро ишғол мекунанд. Падару модари адиб ба ҷои осудатар – Кӯқанд кӯч мебанданд. Баъди як сол Кӯқандбой (1869) ба дунё меояд. Вале дар шиносномааш зодгоҳи ӯ на Кӯқанд, балки Самарқанд сабт шудааст. Соли 1969 дар Самарқанд дар оилаи косиб таваллуд шуданашро баъдтар худи ӯ низ зикр карда гузаштааст.

Соли 1865 русҳо Кӯқандро истило карданд. Хонадони Абдухолиқзода дубора ба ватан (Самарқанд) баргашт. Падари Кӯқандбой аз мавзеи Кӯшҳавз ҳавлӣ харид. Писари ӯ дар яке аз мадрасаҳои ба Кӯшҳавз наздик таҳсили илм кард. Дар муддати тақрибан се соли таҳсил сарфу наҳви забони арабӣ, Қуръон ва улуми исломиро фаро гирифт. Аз 19-солагӣ ба омӯхтани забони русӣ низ шурӯъ ва ба корҳои давлатӣ кашида шуд. Дар уезди Самарқанд муншӣ-мутарҷимӣ намуд.

Мирзо Кӯқандбой бо даъвати Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ – пешвои ҷадидони Самарқанд дар таъсиси китобхона ва мактабҳои усули ҷадидӣ саҳм гирифт. Баъди инқилоби Октябр вай дар ҳукумати нав ба фаъолият пардохт, муддате дар идораи адлия муфаттишӣ намуд. Соли 1924 аз Самарқанд ба Бухоро рафт ва дар он ҷо то соли 1927 ҳамчун муфаттиш ифои вазифа намуд. Соли 1927 сарвари маорифпарварони Тошканд Мунавварқорӣ Абдурашидхонов ба Самарқанд омад. Мирзо Кӯқандбой, ки нав ба шаҳри падарӣ баргашта буд, ӯро меҳмон кард. М. Абдурашидхонов чанд рӯз дар хонаи ӯ истиқомат кард. Баъдтар Чӯлпон аз марҳамати Мирзо Кӯқандбой баҳраманд гашт, муддате дар хонадони вай зист.

Назар ба таҳқиқи академик Наим Каримов, дар таъсису чопи маҷаллаи «Оина» низ Мирзо Кӯқандбой ҳисса гузоштааст.

Баъди чанд соли хидмат дар идораҳои адлия Мирзо Кӯқандбой ба Сталинобод роҳ пеш гирифт, вале соли 1930 ба тӯҳмат дучор ва 49 рӯз ҳабс гардид. Январи соли 1931 аз нав ба болои сараш абрҳои сиёҳ лангар андохтанд. То бегуноҳии худ исбот кард, хеле шиканҷаи ҷисмонию рӯҳӣ кашид.

Бахши дувуми «Рӯзгор ва осори ду адиби гумном» ба зиндагинома ва фаъолияти эҷодии Ороми Понғозӣ бахшида шуда, «Рӯзгор ва осори Ороми Понғозӣ» ном дорад. Тавре зикр ёфта, номи аслии адиб Исомиддин Шарофиддинов буда, вай бо тахаллуси Ороми Понғозӣ бо тоҷикӣ ва ӯзбекӣ шеърҳо навиштааст. Соли 1910 дар деҳаи Понғози ноҳияи Ашт (Тоҷикистон) дар оилаи косиби мӯзадӯз чашм ба дунё кушодааст. Ду бародар дошт – Нарзиддин ва Саҳобиддин. Падар ҳар се фарзандро хононд ва аз илми куҳан хабардор сохт. Бародарон бо ҳидояти ӯ баробари азёд кардани сураҳои Қуръон ғазалиёти Ҳофизу Бедилро азбар месохтанд.

Вале ҳаёти осудаи хонадонро табаддулоти октябрӣ, ҳаракати босмачигарӣ ва дигар рӯйдодҳои номатлуб халалдор сохт. Дастаи ғоратгар бо роҳбарии Раҳимқул-қурбошӣ деҳаи Ошобаро, ки дар назди Понғоз воқеъ аст, ишғол намуд, таҷовуз авҷ гирифт. Вале дар ҳамон давраҳои душвор ҳам Исомиддину бародаронаш аз таҳсил бознамонданд. Онҳо акнун дар мактаби ибтидоӣ, ки шӯравиҳо ташкил карда буданд, мехонданд.

Исомиддин аз навҷавонӣ ба муаллимӣ дил баст. Дониши хуб, ки дошт, як муддат дар мактабҳои Понғоз, Бародархон ва Регар муаллимӣ кард. Соли 1937 ба Тошканд омад, то соли 1938 дар факултаи таъриху ҷуғрофиёи Дорулфунуни Осиёи Миёна (САГУ) таҳсил намуд.Ба зодгоҳ баргашт, омӯзгориро давом дод. То соли 1972 дар мактаби деҳа директорӣ кард. Дар ин байн ба эҷоди бадеӣ ҷиддан камар баст. Ғазал ва маснавиҳои зиёд навишт. Ғайр аз шеърнависӣ ба китобат машғул мегашт, хушнависиаш ҳаваси касонро меовард.

Назар ба таъкиди писари шоир Фарҳод Исомиддинов (номзади илмҳои филологӣ,устоди Донишгоҳи омӯзгории Фарғона) Ороми Понғозӣ бо шоирони маъруфи давр Мирзо Турсунзода ва Чустӣ (Набихон Хӯҷаев) наздикӣ ва ҳамкорӣ доштааст.

Мероси адабии Ороми Понғозӣ, тавре дар китоб қайд шудааст, дар ду дафтар, ки ҳар кадом 192 саҳифагӣ мебошанд, фароҳам омадааст. Забон ва сабки баёни вай бисёр содда ва равон буда, дар онҳо печидагӯйӣ дида намешавад.

Зинда кардани номи шоирони гумном, эҳтиром гузоштан ба онҳо, фикр мекунем, кори савоб аст.

**М. ШОДИЕВ.**

*Дар нигористон*

# ДАР РАНГҲО – АКСИ ТАБИАТ

***Доир ба ин мавзӯъ моҳи майи соли ҷорӣ бо ҳамкории Вазорати экология ва ҳифзи атрофу муҳит ва Иттиҳоди эҷодии Академияи бадеии Ӯзбекистон саросари мамлакат пленерҳо ташкил карда шуданд.***

Намоиши корҳои эҷодӣ, ки ба Рӯзи ҷаҳонии ҳифзи атрофу муҳит бахшида шуда буд, дар толори намоишгоҳи марказии Академияи бадеӣ ҷойи худро ёфт.

Дар пленер 56 нафар рассомони бомаҳорат ва эҷодкорони ҷавон аз шаҳру вилоятҳои ҷумҳурӣ иштирок намуданд. Онҳо дар давоми як моҳ дар панҷ минтақаи ҷумҳурӣ шуда, боғҳои зебоманзари табиати «Угом-Чотқол»-и вилояти Тошканд, «Зомин»-и вилояти Ҷиззах, мамнӯъгоҳи давлатии «Ҳисор»-и вилояти Қашқадарё, питомники «Ҷайрон»-и Бухоро, маскани экотуризми Мӯйноқи Қароқалпоқистонро тасвир намуданд.

Дар пленер беш аз 160 кори эҷодии эҷодкорон ба тамошобинон ҳавола карда шудааст. Бино ба тавсияи Вазорати экология ва ҳифзи атрофу муҳит ғолибон муайян карда мешаванд. Намоишгоҳ то 18 июни соли ҷорӣ идома хоҳад ёфт.

**Ҳ. АБДУНАЗАРОВ.**

# ЛОИҲАИ БАЙНАЛХАЛҚИИ «BIOECUZ» — ДАР АМАЛ

***Дар Ӯзбекистон барои солҳои 2019-2030 бино ба гузаштан ба «иқтисодиёти сабз» стратегияи давлатӣ мавриди коркард қарор гирифта, қарори Президент «Дар бораи чорабиниҳо доир ба афзудани самарадории ислоҳоте, ки то соли 2030 ба иқтисодиёти «сабз» гузаштани Ӯзбекистон нигаронда шудааст», аз 02.12.2022, қабул гардид.***

Бино ба ин ҳуҷҷат барномаи гузаштани Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба «иқтисодиёти сабз» то соли 2030 ва таъмини рушди «сабз» тасдиқ гардид. Нируи интеллектуалии «Иқтисодиёти сабз» кадрҳои малаканоканд. Дар замоне, ки омода кардани чунин мутахассисон вазифаи долузарби Ӯзбекистон аст, лоиҳаи барномаи Erasmus + барномаи нави такмили магистратура оиди биоиқтисодиёти барқарор дар Ӯзбекистон ба амал тадбиқ мегардад.

Барои зудтар гузаштан ба «иқтисодиёти сабз» бояд илму фан ва инноватсияҳоро ривоҷ дод. Ба ин муносибат 19 май – 3 июни соли равон профессор-омӯзгорони муассисаҳои таълими олии Ӯзбекистон – Донишгоҳи давлатии Бухоро, Донишгоҳи давлатии аграрии Тошканд, Институти муҳандисони механизатсиякунонии ирригатсия ва хоҷагии қишлоқи Тошканд, Донишгоҳи тадқиқоти миллӣ, шуъбаи самарқандии Донишгоҳи давлатии аграрии Тошканд дар доираи лоиҳаи Барномаи Erasmus + « New Master`s Degree Curricula for Sustainable Bioeconomy in Uzbekistan» (BioEcUz) роҳи Донишгоҳи фанҳои амалии JAMK (Финландия) ва Донишгоҳи фанҳои табиӣ ва технологияи Латвияро пеш гирифтанд.

Иштирокдорони лоиҳа бо фаъолияти таълимӣ ва илми ин муассисаҳои таълими олӣ ошно гардида, имкониятҳои дар шароити Ӯзбекистон ба кор бурдани таҷриба ва тадқиқоти илмии онҳоро мавриди муҳокима қарор доданд. Дар доираи сафар мутахассисони соҳа ба ғояҳои нави инноватсионӣ ва татбиқи онҳо табодули афкор намуданд.

Сафари хидматии ҳамватанон аз 5 то 11 июн дар Литва идома ёфт.

**Фирӯза РАҲМАТУЛЛОЕВА,**
**дотсенти кафедраи иқтисодиёти Донишгоҳи давлатии Бухоро.**

*Муҳити зист*

***Дар чунин ҳолатҳо саволе қариб ҳамеша дар зеҳн пайдо мешавад: оё фақат бо тоза кардани як адир дунё ободу пок мешавад? Алҳол, ки дар ҷаҳон ҳамагӣ 10 фоизи партови маҳсулоти пластик аз нав кор карда мешавад ё безарар гардонда мешавад, аз рӯйи мантиқи рақам ин хулоса дар назар дуруст менамояд.***

# ТАШВИҚОТ ҲАМ КОРИ ХУДРО МЕКУНАД



Гап ин ҷо дар бораи ҷамъоварии партове, ки пас аз худ иштирокдорон ва бинандагони фестивали экологиву сайёҳии «Садои Чимён», ё худ онҳое, ки фақат барои истироҳат дар ҳавои кушоди ёнаҳои кӯҳпоя меоянд ва мегузоранд, меравад. Дар ин ҷашнвора, ки ҳар сол дар рӯзҳои аввали истироҳатии фасли тобистон аз ҷумҳуриҳои ҳамсоя ва Русия овозхонони «бард» ва ҳаводорони онҳо ҷамъ меоянд, дар доирааш бисёр дигар чорабиниҳо сурат мегиранд. Яке аз онҳо кори экологҳо, ки нафақат бо ташвиқоти беҳдошти муҳит, машғул мегарданд, балки худашон низ ба даст халта гирифта, ба пуштаҳо мераванд ва партов меғундоранд.

– Ин гуна ташвиқотро ҳамеша ва дар ҳама ҷо бояд кард, – мегӯяд муовини роҳбари Ҳаракати экологии ҷумҳурӣ Саидрасул Сангинов. – Чандин сол аст, ки мо бо ин кор машғул ва ба ин васила ёнаҳои ин кӯҳпоя хеле тоза шуд. Одамоне, ки ин ҷо ҳастанд, аксарияташон аллакай аз хоҳиш ва талаби мо огоҳанд, чунки солҳои пеш низ омадаанд.

Ҳамин тариқ, як пораи ин қисми Тёншони Ғарбӣ аз бегонаашёҳои табиат пок мегардад ва он озод нафас мекашад.

Дар ин масъала хусусан бо хурдсолону кӯдакон кор бурдан ба мақсад мувофиқ аст, ки маҳфили экологии «Родничок» маҳз ҳамин вазифаро солҳост, ки ба ӯҳда дорад.

– Ман қариб дар ҳамаи ин фестивалҳо, ки бори 46-ум барпо мегардад, иштирок кардаам, – мегӯяд роҳбари он Людмила Кошолапова. – Ва ҳамеша эътибори мо асосан ба кӯдакон аст, ки дар тинаташон дӯстдории табиатро бедор кардан муҳим аст, то ки чун насли бедор ва табиатдӯст ба воя расад.

Он наврасону кӯдаконе, ки дар поксозии пуштаи Чимён фаъол иштирок намуданд, кӯшишашон бе подош намонд – онҳо ба ҳадяҳои Экоҳаракат тақдир гардиданд.

– Ман аз иштирок дар тоза кардани табиат хеле шодам, – мегӯяд Самияи 10-сола, – дар мактабамон бисёр шунидаам, ки табиатро тозаву обод бояд нигоҳ дорем, аммо ҳоло бори аввал аст, ки бевосита худам дар он ҳисса мегузорам.

**Т. МИРҲАЁЕВ.**
*Вилояти ТОШКАНД.*
*Суратгир: Т. ХОВАРӢ.*

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-625. Адади нашр 4609 ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.
Муҳаррири навбатдор:
Н. Нодирова.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 21.20

**Нишонии мо:**
**100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.**
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.